# КОНСТИТУТСИЯ – ШИНОСНОМАИ МИЛЛАТ

Конститутсия хамчун шиноснома миллату давлатро дар арсаи дохилӣ ва байналмилалӣ муаррифӣ мекунад. Конститутсияи Чумхурии Точикистон, ки имрӯз мо 29 - солагии кабули онро чашн гирифта истодаем, конунест, ки нисбати хамаи санадхои меъёрии хукукӣ бартари дошта, дар он тамоми самтхои дохилию хоричии ватани азизамон дарч шудааст. Ин мухлат барои таърих тӯлонӣ набошад хам, дар ин муддат Конуни асосӣ аз имтихони чиддии хаёт гузашт. Тахияи лоихаи Конститутсияи амалкунанда раванди дуру дароз ва пур аз ихтилофро аз сар гузарондааст. Новобаста аз вазъи ногувори сиёсӣ ва иктисодӣ намояндагони халк тавонистанд фикру андешахои нерухо ва хизбхои гуногуни сиёсӣ, созмону иттиходияхои чамъиятӣ, инчунин бевосита маром ва ормонхои мардумро дар лоиха инъикос намуда, рисолати таърихиашонро бахри рушду нумӯи кишвар дар назди чомеа ва наслхои оянда ичро намоянд.

Омили асосие, ки барои кабул намудани Конститусияи нав замина гузошт, мустакил ва сохибихтиёр эълон гардидани Чумхурии Точикистон мебошад. Точикистонро лозим омад, ки барои мукаррар намудани асосхои сохтори конститутсионии давлат ва гузаштан ба муносибатхои сифатан нави хаёти сиёсӣ, иктисодӣ ва ичтимоӣ конуни асосии нав кабул кунад, то тавонад ин муносибатхоро дар шакли нав ва бо диди нав танзим намояд.

Конститутсияи амалкунанда, дар мукоиса аз дигар конститутсияхои собик аввалин шуда асосхои сохтори сиёсӣ, иктисодӣ ва ичтимоии кишварро пурра дар шакли нав мукаррар кард ва рохи минбаъдаи инкишоф ва пешрафти чомеаи навини Точикистонро муайян кард. Аз вакти кабул намудани Конститутсияи Чумхурии Точикистон то имрӯз дар самти сиёсиву иктисодӣ ва ичтимоиву фархангии ватани азизамон дигаргунихои куллӣ ба вукуъ омада истодааст. Он як катор арзишхои демократии сохтори конститутсиониро ба монанди: сохибихтиёрӣ ва мустакилият, давлати хукукбунёд, хокимияти халкӣ, волоияти конун, бисёрхизбӣ, эътирофи шахсият ва арзиши олӣ доштани хукуку озодихои он, тачзияи хокимият ба се шохаи мустакил, гуногунандешии сиёсӣ ва мавкуравӣ, инкишофи худидоракунии махаллӣ, фаъолияти озоди иктисодӣ ва химояи баробарии хамаи

шаклхои моликият, таквияти назорати судӣ, институти президентӣ ва ғайрахоро дар худ тачассум намуд, ки конститутсияхои каблӣ ин гуна арзишхоро надоштанд. Конститутсия истикололияти давлатиро ба расмият даровардa, рохи минбаъдаи инкишофи чомеаи навинро муайян кард. Дар чомеае, ки мо зиндагӣ дорем, хеле зуд тағйирёбанда мебошад, муносибатхои нав ба вучуд меоянд ва барои пурра танзим намудани онхо моро зарур меояд конунгузории миллиамонро низ такмил дихем. Бинобар ин бо максади комилан ба талаботи чахонӣ мувофик намудани меъёрхои хукуки конститутсионӣ ва кавитар намудани вахдати миллӣ лозим омад дар баъзе кисматхои Конститутсияи Чумхурии Точикистон тағйиру иловахо ворид намоем. Ин тағйироту иловахо аз 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 бо тарики раъйпурсии умумихалкӣ ворид карда шудаанд, ки минбаъда чихати гузаронидани ислохоти хукукӣ дар хаёти чомеа замина гузоштанд. Ислохоти хукукӣ аслан се шохаро фаро гирифт: таъминоти хукукии ислохоти сиёсӣ; таъминоти хукукии ислохоти иктисодӣ; ислохоти хукукии низоми судӣ. Ислохоти хукукӣ дар хаёти сиёсӣ асосан барои аз нав ташкил намудани макомоти асосии хокимияти давлатӣ равона гардида аст. Аз чумла, бо максади ба речаи касбӣ ва доимоамалкунанда табдил додани макоми конунгузории Чумхурии Точикистон - Мачлиси Олӣ ба ду мачлис: Мачлиси миллӣ ва Мачлиси намояндагон чудо карда шуд. Ба фаъолияти хизбхои сиёсӣ ичозат дода шуд, ки онхо минбаъд ба рушд ёфтани гуногунандешии сиёсӣ, озодии вичдон  ва озодии сухан шароит ба вучуд оваранд.

Конститутсияи амалкунандаи мо бунёди хукукиеро ба вучуд овард, ки он минбаъд хам метавонад ягонагии сиёсӣ, иктисодӣ ва ичтимоии кишварамонро таъмин намояд. Конститутсия асоси ифодакунандаи арзишхои хукукӣ гардида, симои муосир ва таърихии Точикистонро дар худ таччасум намуд. Дар ин замина, он аввалин шуда кишвари моро ба катори кишвархои пешрафта ворид сохт. Асосгузори сулху вахдати миллӣ пешвои миллат Президетни Чумхурии Точикистон мухтарам Эмомалӣ Рахмон чунин иброз доштанд, ки “Конститутсия ба сифати конуни олӣ заминахои хукукии пешрафти чомеаро аз тарики кабули конунхои нав гузошта, муносибатхои чамъиятии мухталифро тахти танзим карор дода, асосхои хукукии рушду такомули минбаъдаи чунин муносибатхоро фарохам меорад ”.

Тибки моддаи 7 Конуни Чумхурии Точикистон “Дар бораи санадхои меъёрии хукукӣ” дар низоми санадхои меъёрии хукукии Чумхурии Точикистон, Конститутсияи Чумхурии Точикистон дар чойи аввал меистад, ва эътибори олии хукукӣ дорад.

Ин талабот дар моддаи 10 Конститутсияи Чумхурии Точикистон дарч гардидааст, ки “Конститутсияи Точикистон эътибори олии хукукӣ дорад ва меъёрхои он мустакиман амал мекунанд. Конунхо ва дигар санадхои хукукие, ки хилофи Конститутсияанд, эътибори хукукӣ надоранд”. Дар кисми аввали моддаи мазкури ин хуччати мухим

афзалияти меъёрхои Конститутсия нисбат ба дигар санадхои меъёрии хукукӣ (конунхои конститутсионӣ, конунхо, карорхои макомоти конунгузор, ичроия ва гайра) мукаррар шудаанд. Хамаи санадхои меъёрии хукукӣ аз Конститутсия сарчашма мегиранд ва набояд ба он зид бошанд. Дар мавриди зиддият доштани санадхои меъёрии хукукӣ ба Конститутсия, онхо эътибори хукукӣ надоранд. Аз ин лихоз, меъёрхои Конститутсия эътибори олии хукукиро доро мебошанд. Конститутсияи замони истиклолият аз чихати назариявӣ пурра ба талаботи конунофаринии чахон чавобгӯ буда, хар як моддаи он бо омодагии махсуси касбӣ ва бо назардошти ирода ва орзуву ормонхои тамоми мардуми кишварамон кабул карда шудааст. Аммо то кадом сатх дар амал истифода шудани ин меъёрхо ва аз бар намудани хукукхои худ аз сатхи шуури хукукӣ ва маърифати хукукии сокинони кишварамон низ вобаста мебошад.

Конститутсияи Точикистони сохибистиклол, ки ба шарофати шучоати сиёсиву маърифати баланди хукукии мардуми шарафманд ва сулхдӯсту тамаддунофар хамчун санади такдирсози таърихӣ кабул гардидааст, истиклолияти давлатии моро аз лихози хукукӣ расмӣ гардонид ва Точикистонро ба оламиён хамчун давлати сохибхтиёру хукукбунёд, демокративу дунявӣ ва пешбарандаи сиёсати сулхчӯёна муаррифӣ намуд. Чамъияте, ки одамони он дорои маърифати баланди хукукӣ мебошанд, пайваста аз хукукхои конститутсионии худ дифоъ менамоянд ва сатхи зиндагии онхо низ баланд мебошад.

**Гафуров Киёмуддин,**

мутахассиси пешбари шуъбаи иттилооти хукукӣ

ва мураттабсозии Маркази миллии конунгузории

назди Президенти Чумхурии Точикистон